«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.х., профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
«_27_» ___04___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 9.1, 9.2, 9.3, 9.6, 9.7-и Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари як қатор имкониятҳои мавҷудае, ки онҳо метавонанд ба сатҳи таъминнамоии бахши воқеии иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ мусоидат намоянд, қарзҳои низоми бонкӣ хамчун механизми иловагӣ дар таъмини ин масъала маҳсуб меёбад. Бинобар ин, зарурати таъмини бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан бахши саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ ягона омиле мебошад, ки онро дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон таъмин намудан имконпазир мебошад. Илова бар ин, таъмини ин бахши муҳими иқтисодӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ва муҳим мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бори дигар собит намуд, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз омили асосии бо суръати баланд рушд додани саноати сабук маҳз маблағгузории ин соҳа ва бештар намудани ҳиссаи қарзҳои дарозмуддат, махсусан қарзҳои имтиёзнок мебошад. Зеро, дар раванди гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ ба иқтисодиёти саноатӣ маҳз истифодаи механизмҳои қарзӣ ин суръатро ба натиҷа расонида метавонад.

Муаллифи рисола бамаврид механизмҳои қарзиро дар соҳаи саноат ҳамчун воситаи асосӣ ҳисоб намудаст, ки метавонад имкониятҳои тағйирдиҳии ин бахшро имконпазир гардонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин,

муаллифи рисолаи илмӣ воситаҳои қарзиро ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи назариявӣ, методӣ ва амалию пешниҳодӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас, ки онҳо қобилияти баланди илмӣ доштани унвонҷӯро инъикос менамоянд, ноил гардидааст. Бо ибрози чунин андеша, ба боварӣ метавон гуфт, ки ҳамаи вазифа ва масъалагузориҳое, ки аз тарафи унвонҷӯ дар таҳқиқи илмӣ муайян ва пешниҳод гардидаанд, ба ҳамаи ин масъалаҳо муаллиф ба муваффақият даст ёфтааст, ки албатта қобили дастгирӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада.** Яке аз қисматҳои асосӣ ва марказии рисолаи илмӣ, инчунин воқеияти методии он навгониҳои илмии диссертатсия мебошанд, ки дар он муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро бо усулҳои нав ва самаранок дар шакли мухтасар нишон додааст. Дар илова бо ин, қайд кардан ба маврид аст, ки муаллифи рисола навгониҳои илмиро дар доираи мухтасароти илмӣ ва дар бандҳои алоҳида ба таври зерин пешниҳод намудааст (саҳ. 10-11):

- Дар қисмати якуми рисолаи илмӣ, ки он ҷанбаи назариявӣ ва қисман ҷиҳатҳои методии таҳқиқотро дар бар мегирад, вобаста ба зарурият ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои консептуалии низоми қарздиҳиро баррасӣ намуда, дар ҳамин замина, аз рӯйи иқтидорҳои ҷойдошта қонуниятҳои рушди муносибатҳои қарзиро бо баррасии натиҷаҳои назарас мушаххас намудааст. Дар ҳамин радиф, унвонҷӯ дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба соҳаи саноат дахл доранд, таҳти таъсири омилҳои институтсионалӣ баррасӣ намуда ва ба натиҷа расидааст (саҳифаҳои 14-29).

- Барои асосноккунии ҷанбаъҳои методӣ ва заминагузорӣ ба натиҷаҳои таҳқиқот дар асонокнамоии нишондиҳандаҳо унвонҷӯ бо маҳоратҳои методӣ механизмҳои асосии танзими раванди қарздиҳии соҳаи саноатро мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи он асосан шаклҳо ва усулҳои самараноки истифодаи воситаҳои қарзиро дар истеҳсолоти саноатӣ таҳқиқ намуда, дар ин самт бо истифодаи як қатор нишондиҳандаҳои таҳлилшуда ба натиҷа расидааст. Дар иловаи ҳамаи ин, унвонҷӯ қарздиҳии соҳаи саноат, махсусан саноати сабукро дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар мавриди таҳлил қарор дода, як қатор пешниҳодҳои қобили татбиқро манзур намудааст (саҳифаҳои 30-69).

- Вобаста ба ҷанбаҳои амалӣ ва натиҷавии таҳқиқоти илмӣ муаллифи рисолаи илмӣ мушкилоти асосии қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасии амиқ қарор дода, дар ин радиф, омилҳои маҳдудкунандаи дастрасӣ ба қарз, аз ҷумла сатҳи баланди фоизҳо, талаботи сахти гарав ва хавфҳои молиявӣ, таъсири воситаҳои

қарзиро ба рушди иқтисодии корхонаҳо, дастрасии беҳтар ба захираҳои қарзӣ ва як қатор масъала ва натиҷаҳои дигарро мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷа расидааст, ки ин дастовардҳо қобили дастгирӣ мебошанд (аз саҳифаи 71 то 99).

- Ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ ва ҳамзамон, дастовардҳои ниҳоии таҳқиқот бевосита ба механизмҳои такмили низоми қарздиҳии бонкӣ асоснок гардида, дар изофа ба он, роҳҳои баланд бардоштани иқтидори қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар нишондиҳандҳои муҳими ба он вобаста баррасӣ ва пешниҳод шудааст. Илова бар ин, унвонҷӯ беҳтарсозии фазо ва имконияти баргардонидани қарзҳо, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва такмили сиёсати қарздиҳиро баррасӣ намуда, дар асос бо ин зарурати тавсеаи дастгирии молиявии корхонаҳои саноати сабукро дар шароити ҳозираи Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳ ноил гардидааст (саҳифаҳои 119-169).

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ хосияти амалӣ ва назариявӣ дошта, онҳо дар як қатор масъалаҳо метавонад накши ҳалкунанда ва ё ба сифати роҳнамо истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои: «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (ш. Душанбе, соли 2023), «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, соли 2023), «Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (н. Рашт, соли 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қарздиҳии бонкҳо ба корхонаҳои саноати сабук пешниҳод шудааст, аз ҷумла ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (санад аз 27.08.2025, аз филиали №76 дар ноҳияи Рашт). Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ҳангоми омӯзиши фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024). Ҳамзамон бо ҳамаи ин, хулоса ва тавсияиҳои ироагардида метавонанд натиҷаҳои таҳқиқотро бозҳам асоснoктар намуда, мавқеияти муаллифиро устувор гардонад.

**5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сохтор ва мундаричаи диссертатсия вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда муайян гардидааст. Таҳқиқоти муаллиф аз

муқаддима, се боб бо фарогирии нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёт иборат буда, муҳтавои он дар 198 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ ҳамаи он меъёрҳо ва талаботҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон пешниҳод шудаанд, аз ҷанбаҳои актуалии мавзуъ, то дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида ва як қатор меъёрҳои зарурӣ ба таври комил риоя гардидаанд (саҳ. 4-13).

Дар боби якуми кори илмӣ диссертант асосҳои назариявию методологии рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноатро дар доираи се зербоби асосӣ, махсусан таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва асосҳои институтсионалии ташаккули онро дар сатҳи институсионалӣ баррасӣ намуда, дар ин самт ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст, ки дар воқеъ дар сатҳи боваринок ҳадафҳои гузошташударо инъикос менамояд (саҳ. 14-29). Дар қисмати дигари он, аз тарафи унвонҷӯ моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамчун асос як қатор омилҳо ва асосҳо, ки онҳо пурра мушаххасоти натиҷа ва нишондиҳандаҳо асонок мекунанд, баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, таърифи муаллифии воситаҳои қарзӣ пешниҳод гардидааст (саҳ. 30-48). Дар иловаи ҳамаи ин, унвонҷӯ бевосита имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, ба ҳадафҳои гузоштшуда ва талаботҳои мавҷуда даст ёфта, онҳоро ба таври илман асоснок манзур намудааст ва дар ин самт низ ба натиҷа расидааст. Ғайр аз ин, ба нишондиҳандаҳои амиқи як қатор давлатҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки ин қобили боварӣ ва дастгирӣ мебошанд (саҳ. 49-70).

Дар боби дуюми диссертатсия унвонҷӯ таҳлили вазъи муосири қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар ҳамин замина, шароит ва хусусиятҳои таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишварро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ин масъала ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст ( саҳ. 71-84). Барои дигаргунӣ ва асоснокнамоии ҳадафҳои дар таҳқиқот гузоштшуда унвонҷӯ ҳамчун асос таҳлил ва арзёбии мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои мавҷуда таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин самт низ мувафақ гардидааст (саҳ. 85-98).

Дар ҳамин замина, муаллифи рисолаи илмӣ бисёр ба мавриد таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ва ташаккули мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакатро таҳқиқ намуда, ин равандро илман баррасӣ ва асоснок намудааст, ки ҳамаи он низ қобили дастгирист (саҳ. 99-118).

Боби сеюми диссертатсияи илмии муаллиф ниҳоятан ба самтҳои такмили қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук (саҳ. 119-134), такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ дар саноати сабук (саҳ. 135-149), самтҳои стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин самт низ як қатор нишондиҳандаҳои муҳимро мавриди баррасӣ қарор дода ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаст, ки ҳамаи ин воқеан муваффақиятҳои унвонҷӯро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд (саҳ. 150-169). Ғайр аз ин, чараёнҳои дигари дастгирӣ ва ҳиссаҷудокуниҳои молиявию қарзиро аз нуқтаи назари методологӣ дар соҳаи саноати сабуки кишвар таҳлил намуда, ба натиҷаҳои қобили дастгирӣ ноил гардидааст.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда бошад, муаллифи таҳқиқот тамоми чараёнҳои муҳим, имкониятҳои ҷойдошта, мушкилотҳои мавҷуда ва ҷорӣ, роҳҳои ҳалли онҳо ва ба натиҷа расидани равишҳои меҳвариро пурра инъикос намуда, дар ин самт низ мувафақ гардидааст (саҳ. 170-175).

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Бамаврид аст, ки таҳияи ҳамаҷонибаи муқаррароти назариявию методологӣ ва амалии такмили қарздиҳии бонкӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф шахсан таҳаввулоти муносибатҳои қарзиро дар саноат таҳлил карда, асосҳои институтсионалии ташаккули онҳоро ошкор, таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии соҳаро арзёбӣ намуда, имконияти мутобиқшавии онро ба шароити миллӣ асоснок кардааст (саҳ. 14-49). Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои саноати сабук, механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳӣ, такмили расмиёти пешниҳоди қарз ва баргардонидани онҳоро таҳия карда, самтҳои стратегии тавсеаи дастгирии қарзии корхонаҳои соҳаро муайян кардааст (саҳ. 119-149). Ғайр аз ин, унвонҷӯ барои сохторҳои давлатӣ ва бонкӣ тавсияҳое таҳия намудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудаанд (саҳ. 173-175).

Вобаста ба баррасӣ ва натиҷаҳои бадастоварда муаллифи рисолаи илмӣ ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки ҳама ҳадафҳои асосие, ки муаллифи рисола дар вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ мақсад гузоштааст ба ҳамаи онҳо дар

сатҳи зарурӣ ноил гардидааст. Ғайр аз ин, пайдарпайии нишондиҳандаҳо ва таҳқиқи муаммоҳои ҷойдоштаро бо нишон додани роҳи ҳалли онҳо ба таври тахассусӣ баён ва ҳаллу фасл намудааст, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, ҳамаи ин пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот қобили истифода мебошанд, ки ба рушди соҳа мусоидати ҳаматарафа менамояд.

**7. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Тахассуси илмии довталаб Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ ба дараҷаи илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**8. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз доир ба мавзуи таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ва мувофиқати матни автореферати он ба мазмуни диссертатсия.** Диссертатсия ва автореферати муаллифи рисола дар асоси бандҳои дахлдори “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №493, аз 27.12.2024 таҳия гардида, талаботҳои муқарраргардида риоя карда шудаанд. Матни автореферат низ ба мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

**10. Эрод ва баъзе тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсияи илмӣ дорои сохтори мукаммал ва васеъи илмӣ буда, дар доираи он муаллифи рисола ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Илова бар дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуқтаҳо аз мадди назари муаллиф дур мондаанд, ки аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

1. Беҳтар мегардид агар воситаҳои қарзӣ ба таври возеҳ дар шакли ҷадвал ё расм дар қисмати якуми рисола пешниҳод мегардид;

2. Дар боби якуми рисолаи илмӣ муаллифи рисола нуқтаи назари олимони тоҷикро, ки дар ин самт таҳқиқоти бунёдӣ доранд ба таври кофӣ ва мушаххас ишора накардааст;

3. Дар параграфҳои бобҳои диссертатсия хуб мешуд агар муаллиф мушкилотҳои ҷойдоштаи тарафҳоро дар сатҳи истеҳсолот ва қарздиҳӣ ба таври васеътар баррасӣ менамуд;

4. Хулосаҳои зербобҳои рисола такмилталаб ва номушаххас буда, аз тарафи муаллиф дар сатҳи факту рақамҳо хулосабарорӣ мегардид беҳтар буд;

5. Баъзе таҳлилҳо ва хулосаҳои баровардаи муаллиф хусусияти умумӣ дошта, асоноккунии иловагиро талаб менамоянд;

6. Сифати рисолаи илмӣ беҳтар мегардид агар муаллифи рисола ба таври ҳадафманд дастгирии бахши алоҳидаи саноатро вобаста ба қарздиҳӣ муайян ва пешниҳод менамуд;

Бо ишораи ҳамаи эроду норасоиҳои ошкоргардидаи диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд ва муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр мебошад.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи "Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи муқарраргардидаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021, инчунин, бо назардошти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Бояд иброз дошт, ки диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ таҳқиқоти комилан мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №9, аз 25 апрели соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 10 нафар, "зид" - нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сайфуров К.Ф.**

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Худойназаров Д.А.**

**Имзоҳои Ғаюров Ғ.Ҳ., Сайфуров К.Ф. ва Худойназаров Д.А. -ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шодихонзода Э.Ш.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Шоҳмансур хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Телефон:** (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
**Email:** info@tnu.tj

“27” 04 соли 2026